# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Тадқиқоти илмии Саидғанизода Саидсултонхон таҳти унвони «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва арзишманди адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, аз доманаи фарохи таҳқиқу баррасии махсус бархурдор мебошад. Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки муаллифи диссертатсия дар канори шарҳу тавзеҳи муҳимтарин ҷанбаҳои арзишҳои адабии осори Ғаззолӣ аз қабили “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”, инчунин доир ба дигар осори ин адиби барҷастаи форсу тоҷик ва авзои сиёсиву фарҳангии замони зиндагии ӯ изҳори назар намудааст.

Мавриди зикр аст, ки боби нахустини диссертатсия “Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ” номгузорӣ шуда, дорои се фасл мебошад. Фасли аввали он, “Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ” ном дошта, дар он роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии давр ва таъсири он ба ташккули ҷаҳоншиносии фикрии нависанда, аз рӯи такя ба сарчашмаҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ баҳси ҷолиберо ба қалам овардааст. Сипас, дар фасли дувуми боби мазкур, ки “Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII ном дорад ва он заминаҳои таърихии зуҳур ва ташаккули мероси адабиёти сӯфияро дар бар мегирад” ном гирифтааст, дар он оид ба заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона ва сабаби рушди узлатнишинӣ, зиёдшавии хонақоҳу лангархонаҳо ва рӯй овардани ағлаби мардум ба он баҳси илмиеро аз дидгоҳи муҳаққиқони гузаштаву имрӯза ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Фасли сеюми боби мазкур “Зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ” ном гирифтааст, ки

дар он муаллифи диссертатсия тавонистааст оид ба зодгоҳ, айёми донишандӯзӣ, устодон ва дар умум, ҳар он ахборе, ки зиндагиномаи адибро дар бар мегирад, изҳори ақида намуда, ҳамчунин аз рӯи ахбори манобеи таъриxиву адабӣ ва асарҳои таҳқиқӣ, ки марбут ба ҳаёт ва осори адиб маълумоти мухталиф дар худ инъикос намудаанд, таҳқиқот намуда, бо далелҳои қотеъ ва бориз ба умқи масоил ворид шуда, онро ҳаллу фасл намудааст.

Боби дувуми рисола зери унвони “Сохтору муҳтаво ва ҷойгоҳи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар насри форсу тоҷик (дар мисоли «Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”) оварда шудааст, ки он аз панҷ фасл иборат мебошад ва асосан ба омӯзиши асарҳои тадқиқшаванда яъне: “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ ва аҳамияти адабии онҳо бахшида шудааст. Фасли якуми боби мазкур “Нусхаҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” ном гирифта, дар он роҷеъ ба нигорандаи диссертатсия вобаста ба нусхаҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисола-ту-туюр” маълумот дода шудааст ва инчунин дар куҷо маҳфуз будани онҳоро таъкид намудааст. Фасли дувуми диссертатсия “Сохтор ва муҳтавои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ном гирифта, дар бораи таҳқиқу баррасии сохтор, мундариҷа ва иллати таълифи “Савонеҳ-ул-ушшоқ” маълумот дода, баҳси илмиеро ба бор овардааст. Дар фасли севуми боби мазкур муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки “Сохтор ва муҳтавои “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ”-ро ба риштаи таҳқиқот бикашад. Вай дар фасли мазкур тавонистааст, ки ба умқи мавзуъ ворид шуда, ҷанбаҳои мухталифулмаъонии асари орифонаи зикршударо таҳлилу баррасӣ намояд. Ҳамчунин, фасли чаҳоруми боби мазкур “Шуруҳи “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва арзиши адабии онҳо” ном гирифта, муаллиф дар ин қисми диссертатсия оид ба шарҳҳо, ҳошиянависӣ, сохтор ва мазмуну муҳтавои орифонаи асар ба шакли мухтасар маълумоти муфид додааст. Фасли

панҷуми боби мазкур “Таъсирпазирии Аттор аз “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ” унвон гирифтааст. Дар он муаллиф кӯшиш намудааст, ки аз лиҳози ирфонӣ ва ҷаҳонбиниии орифона таъсирпазирии шоир ва орифи барҷаста - Аттори Нишопуриро аз орифону сӯфиёни гузашта аз қабили Аҳмади Ғаззолӣ ва дигарон ба риштаи таҳқиқ бикашад.

Боби сеюми диссертатсия ба тадқиқу таҳлили “Аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ (дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”)” бахшида шуда, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали боби мазкур ба “Сабки нигориши “Савонеҳ-ул-ушшоқ” равона карда шудааст, ки дар он нигорандаи диссертатсия нахуст ба забон, сабку услуб ва шеваи нигориши асар аз нигоҳи осори мансурии орифонаи муосирони муаллиф, ки он ба шеваи воизони қарнҳои XI-XII таълиф шудааст, бо намунаҳои зиёд ва бо муқоиса ба дигар осори мансури ирфонии қабл аз он ва баъди он ба олами адабиёт ворид шуда, муқоиса кардааст ва бо таъкид аз истидлолҳои адабиву луғавӣ онро баррасӣ намудааст. Фасли дувуми боби мазкур “Шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” ном дошта, дар он муаллиф истифодаи санъатҳои бадеиро дар ин ду асар ба таври ҷудогона дида баромада, дар миёни он аз дигар классикони форсу тоҷик низ ақвол ва ашъореро зикр намудааст. Фасли савуми диссертатсия “Истифодаи ашъор дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат ут-туюр” ном дорад, ки дар он нигорандаи диссертатсия баҳси илмии ҷолиберо ба анҷом расонидааст. Вай кӯшиш намудааст, ки ҳамаи ашъори ин ду асарро ҷамъоварӣ намуда, дар бораи мазмуну мухтаво, ҳунару истеъдоди шоирии адиб ва муқоиса бо ашъори дигар шоирони классик таҳқиқоти илмии комилеро ба анҷом расонад.

Аз мухтаво ва тарзи масъалагузории фишурда бармеояд, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон бо забони равони илмӣ, мудаллал ба афкору андешаҳои олимону пажӯҳишгарон таълиф гардидааст. Диссертант бо шинохти амиқи мазмуну муҳтавои осори

манзуму мансури Аҳмади Ғаззолӣ ва корбандии манобеи илмиву адабӣ ва таърихӣ ба он муваффақ гардидааст, ки дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик равзанаи наверо боз намояд.

Дар баробари дастовардҳо дар авторефарати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ дида мешаванд, киислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусни илмии таълифи мазкур мегарданд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ на ҳамаи пажӯҳишҳои роҷеъ ба осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ анҷомёфта баррасӣ гардидаанд. Ба назар мерасад, ки диссертант асосан ба пажӯҳишҳои дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон анҷомёфта иктифо намудааст. Ҳол он ки китоби “Савонеҳ-ул-ушшоқ” бо забони русӣ тарҷума ва нашр шудааст. Ҳамзамон, тарҷумаи англисии он низ мавҷуд мебошад, ки дар ин бора дар авторeферати диссертатсия зикри маълумот ба чашм намерасад.
2. Дар авторeферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки ислоҳашон ба суди муаллиф аст.

Ҳамин тавр, бар мабнои мундариҷаи пурбори фишурдаи диссертатсия метавон гуфт, ки кори Саидғанизода Саидсултонхон таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб омада, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
Ғаффоров М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106
Тел: (+992 3475) 5 40 50, 5 32 69 E-mail: tou@bk.ru.; dotpanj@gmail.com.; www. dotpanj.tj.

Имзои номзади илмҳои филологӣ Ғаффоров Мизробро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Қурбонов М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735500 ш.Панҷакент, кӯчаи Терешкова 3/1, бинои 9.
Тел: (+992) 927055355 E-mail: mizrob66@mail.ru